Тавзеҳнома
ба лоиҳаи "Талабот нисбат ба услуби
ҳисобкунии тарифҳои суғуртавӣ"

Лоиҳаи "Талабот нисбат ба услуби ҳисобкунии тарифҳои суғуртавӣ" (минбаъд – талабот) дар асоси моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" бо мақсади самаранокии амалиётҳои суғуртавӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои суғуртавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) таҳия гардидааст.

Талаботи банди 2 моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ", муқаррар намудааст, ки "*Ташкилотҳои суғуртавӣ уҳдадоранд тарифҳои суғуртавии аз лиҳози актуарӣ (иқтисодӣ) асоснокшударо, ки тибқи услуби баҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ анҷом дода мешаванд, истифода намоянд*".

Аммо, то ҳол дар низоми суғуртаи ҷумҳурӣ талаботи моддаи болозикри қонуни соҳавӣ бе иҷро боқӣ монда, бинобар сабаби мавҷуд набудани санади меъёрии ҳуқуқии дахлдори танзимкунандаи ин мавзӯъ, ташкилотҳои суғуртавии (азнавсуғураткунии) кишвар ҳангоми бастани шартномаҳои суғурта ва ҳисобкунии мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) тарифҳои суғуртавии аз лиҳози актуарӣ (иқтисодӣ) асоснокнашударо истифода мебаранд, ки ин амалҳо аз як тараф боиси баланд шудани хавфҳои молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуратакунӣ) гашта, аз тарафи дигар ба устувории молиявӣ ва пардохтпазирии онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Зеро, ки тарифҳои суғуртавии аз лиҳози актуарӣ (иқтисодӣ) асоснокшуда сарчашмаи асосии таъмини устувории молиявӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) маҳсуб ёфта, минбаъд боиси иҷрои саривақтии уҳдадориҳои базиммадоштаи онҳо дар назди суғурташвандагон ва шахсони суғурташуда мегардад.

Вобаста ба ин, ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии амалиётҳои суғуртавӣ ва ҳимояи манфиатҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои суғуртавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) зарурати таҳия намудани лоиҳаи талаботи мазкур ба миён омадааст.

Мақсадҳои асосии лоиҳаи талаботи мазкур аз инҳо иборат мебошанд:

- фароҳам овардани шароити мусоид ба ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ҷиҳати дуруст ҳисоб кардани тарифҳои суғуртавӣ;
- ташаккули инфрасохтори бозори суғурта ва таъсиси низоми устувори суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таъмини сабукиҳои молиявию сифатӣ ба суғурташавандагон дар истифодаи хизматрасониҳои суғуртавӣ;
- беҳтар намудани вазъи молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ).

Дар лоиҳаи мазкур талабот нисбат ба услуби ҳисобкунии тарифҳои суғуртавӣ, аз ҷумла ба таркиб, мазмун, тарз ва принсипҳои ҳисобкунии тарифҳои суғуртавӣ андозаи тарифҳои асосӣ ва коэффитсиенти онҳо аз рӯи намудҳои суғурта, нисбат ба тартиби истифодаи маълумоти оморӣ аз рӯи намудҳои суғурта муқаррар карда шудааст.

Тибқи "Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, комитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 июни соли 2014, №355 тасдиқ шудааст, нисбати лоиҳаи мазкур арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсонӣ гузаронида шуда, дар он омилҳои ба вуҷудоварандаи хусусияти коррупсионидошта мушоҳида нагардидааст.

Қабули лоиҳаи талаботи мазкур маблағгузории иловагиро аз буҷети давлатӣ талаб намекунад ва қабули он дар давраи амалисозии ислоҳот дар низоми суғуртаи кишвар ба мақсад мувофиқ мебошад.

Раис Холиқзода Ҳ. Ҳ.